**ТДУ**
**Муминова Х.**

## Назаре ба фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ дар замони истиқлолият

*Дар мақола фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ дар замони истиқлолият дар асоси маводи осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва натиҷаи тадқиқоти сотсиологӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст. Дар охири мақола барои танзими фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ пешниҳодҳо ироа шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *осорхонаи мактабӣ, маориф, истиқлолият, ашё ва коллексияи осорхонавӣ, фонд, экспозитсия.*

Бо мақсади муайян намудани вазъи фаъолияти осорхонаҳои мактабии ҷумҳурӣ, дар асоси маводҳои Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва натиҷаи тадқиқоти сотсиологии гузаронидашуда, дар мавзӯи "Тадқиқи равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти осорхонаҳои мактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо роҳбарони осорхонаҳои мактабӣ (ш. Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) кори осорхонаҳои мактабиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додем.

Мувофиқи ҳисоботи шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои ш. Душанбе, шаҳру ноҳияҳои табеи ҷумҳурӣ (Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат, Лахш), вилояти Суғд (Хуҷанд, Исфара, Конибодом, Б. Ғафуров, Деваштич, Ҷ. Расулов) маълум гардид, ки дар назди муассисаҳои таълимии онҳо 36 адад осорхонаи мактабӣ фаъолият доранд (ниг. таб. №1).

**Рӯйхати осорхонаҳои мактабии ш. Душанбе,**
**шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд**[1]

| р/т | **Номгӯйи осорхона** | **Соли таъ.** | **Аз рӯйи мансубияти маъмурӣ ҳудудӣ** | **Тибқи муқарароти соҳавӣ** | **Аз рӯйи шакли моликият** | **Аз рӯйи навъи фаъолият** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Шаҳри Душанбе** | | | | | |
| **1** | Осорхонаи мактабии МТМУ №37 | 1979 | ш. Душанбе, н. Сино. | ҳарбӣ-ватандӯстӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **2** | Осорхонаи мактабии МТМУ №54 ба номи Л. Шералӣ | 2004 | ш. Душанбе, н. Сино. | ёдгориҳои шахсӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| | **Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | | | | | |

[1] Руйхати осорхонаҳои мактабӣ дар асоси ҳисоботҳои солонаи Осорхонаи маорифи АТТ, руйхати осорхонаҳои Тоҷикистон дар замони истиқлолият (1991-2011); мураттиб / Шарифзода Ф. Социально-культурная деятельность музеев Таджикистон в период независимости (1991-2011) Муҳаррир К.Б. Буриев. –Душанбе: Истеъдод, 2014.-220 с.; натиҷаи тадиқоти сотсиологӣ тартиб дода шудааст ва руйхати пурраи осорхонаҳои мактабии ҷумҳуриро дар бар намегирад.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **3** | Осорхонаи мактабии МТМУ №3 | 1970 | ш. Ваҳдат, к. Хуросон 23 | таърихӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **4** | Осорхонаи Литсей ба номи Т. Собир | 1974 | ш. Ваҳдат, к. Коргарон 18 | таърихӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **5** | Осорхонаи мактабии МТМУ № 59 | 1979 | ш.Турсунзода д. Чиртак | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **6** | Осорхонаи мактабии МТМУ №12 | 1980 | ш. Турсунзода д. Қаратоғ | таърихи кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **7** | Осорхонаи мактабии МТМУ №55 | 1989 | ш. Ваҳдат, д. Симиганҷ | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **8** | Осорхонаи мактабии МТМУ №50 | 1986 | ш. Ҳисор, д. Нилу | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **9** | Осорхонаи мактабии МТМУ № 2 | 1993 | н. Лахш д. Ҷайлғанӣ | таърихӣ-этнографӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **10** | Осорхонаи мактабии МТМУ №14 | 1995 | ш. Ҳисор, д. Шарора | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **11** | Осорхонаи мактабии МТМУ №52 | 2001 | ш. Ҳисор, д. Навобод | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **12** | Осорхонаи мактабии МТМУ №39 | 2004 | ш. Ҳисор, д. Шоҳони боло | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **13** | Осорхонаи мактабии МТМУ №37 | 2005 | ш. Ваҳдат, д. Гулбоғ | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **14** | Осорхонаи мактабии МТМУ №128 | 2006 | ш. Ҳисор, д. Шоҳони паён | таърихи кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **15** | Осорхонаи мактабии МТМУ №7 | 2010 | ш. Ваҳдат, д. Шаҳристон | ҳарбӣ-ватандӯстӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **16** | Осорхонаи мактабии МТМУ №44 | 2013 | ш. Ҳисор, д. Бобосурхон | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| | **Вилояти Суғд** | | | | | |
| **17** | Осорхонаи Гимназия №1 ба | 1973 | ш. Хуҷанд | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифат |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | номи М. Беҳбудӣ | | | | | ӣ |
| **18** | Осорхонаи мактабии МТМУ №16 | 1982 | н. Ҷ. Расулов | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **19** | Осорхонаи Гимназия №24 ба номи Б. Ғафуров | 1988 | ш. Хуҷанд | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |
| **20** | Осорхонаи мактабии МТМУ №1 | 1991 | н. Конибодом | кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **21** | Осорхонаи мактабии МТМУ №30 | 1997 | ш. Исфара | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **22** | Осорхонаи мактабии МТМУ №32 | 1997 | ш. Исфара | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **23** | Осорхонаи Литсей №1 ба номи Э. Бозоров | 1997 | н. Конибодом | кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **24** | Осорхонаи мактабии МТМУ №7 | 2000 | н. Деваштич д. Басманда | кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **25** | Осорхонаи мактабии МТМУ №14 | 2000 | ш. Исфара | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **26** | Осорхонаи мактабии МТМУ №33 ба номи Т. Мақсудов | 2001 | ш. Исфара, | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **27** | Осорхонаи мактабии МТМУ №24 | 2002 | н. Конибодом | кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **28** | Осорхонаи Гимназия №2 | 2003 | н. Б. Ғафуров | таърихӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **29** | Осорхонаи мактабии МТМУ №2 | 2004 | н. Деваштич д. Хӯҷа Тоҳир | кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **30** | Осорхонаи мактабии МТМУ №3 | 2005 | н. Ашт | кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **31** | Осорхонаи мактабии МТМУ №23 | 2006 | н. Деваштич | кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **32** | Осорхонаи | 2006 | н. Деваштич | кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | мактабии МТМУ №15 | | | | | |
| **33** | Осорхонаи мактабии МТМУ №18 | 2007 | н. Деваштич | кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **34** | Хона осорхона Абдуғавор Самадов МТМУ №18 | 2009 | н. Ҷ. Расулов | ёдгориҳои шахсӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **35** | Осорхонаи Гимназияи №1 | 2010 | н. Ҷ. Расулов | таърихӣ-кишваршиносӣ | ҷамъиятӣ | таълимӣ |
| **36** | Осорхонаи мактабии МТМУ №4 ба номи Д. Азизов | 2010 | н. Б. Ғафуров ҷ. Қистақӯзӣ | таърихӣ | ҷамъиятӣ | илмӣ-маърифатӣ |

Осорхона дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади ҳифзу ҷамъоварии арзишҳои таърихӣ-фарҳангӣ ва тарбияи ватанпарастӣ, зебоиписандии наврасон таъсис дода мешавад[4].

Барои ҷамъоварии ашё ва коллексияи осорхонавӣ, омӯзгорон, хонандагон ва дигар ашхосӣ фарҳангдӯст саҳмгузоранд. Дар ин раванд ҳисси масъулияти наврасон, барои ҳифзи бойгариҳои табиат, сарватҳои фарҳангӣ, ифтихор аз Ватан, оила, мактаб, бедор мегардад, ки омили муҳиммӣ худогоҳию худшиносии онҳо мебошад.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: **"Осори кӯҳан ва ёдгориҳои таърихӣ забони гӯёи фарҳанги миллат мебошанд. Қарзи мову шумост, ки ин гуна осори нодири фарҳангиро ҷустуҷӯву пайдо намоем, онҳоро ҳифз кунем, омӯзем, омӯзонем ва барои болоравии сатҳи умуми маърифату эҳсоси худшиносии миллӣ истифода барем" [1].**

Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки дар таркиби фонди осорхонаҳои мактабии кишвар, ашё ва коллексияи бостоншиносӣ, рузгор ва мардумшиносӣ, сиккашиносӣ, китобҳо, ҳуҷҷатҳо ва дигар ашё ба монанди қубури обгузаронӣ ва тангаҳои асри V, хуму кӯзаҳои асри XVII, XVIII ва маснуоти заргарии асри XIX, ҳуҷҷатҳо ва дигар ашё нигоҳдорӣ мешаванд.

Аз ҳисоби хонандагон гурӯҳҳои ҷустуҷӯйӣ-ҷамъоварии кишваршиносон, таърихчиён ташкил карда шудаанд, ки барои такмили фонди осорхонаҳои мактабӣ ҳисса мегузоранад. Инчунин, наврасон тавассути кори ҷустуҷуйӣ-ҷамъоварии осорхона, ба ёдгориҳои таърихӣ- фарҳангӣ, захираҳои табиӣ, собиқадорони ҷангу меҳнати маҳалли зист, ошно мегарданд, ки барои ташаккули маънавиёти онҳо кумак мерасонад.

Экспозитсияҳои осорхонаҳои мактабӣ инъикоскунандаи давраҳои гуногуни таърихӣ буда, хусусан гӯшаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳаёт ва фаъолияти эҷодкорон, собиқадорони меҳнат, дастовардҳои соҳаҳои гуногун ва ғ. ҷолиби диққатанд. Ба монанди экспозитсияи осорхонаи мактабии назди МТМУ-и №59 ш. Турсунзода, ки бо ташаббуси Турсун Шодиев соли 1979 дар масоҳати 72 м$^2$ таъсис дода шудааст. Дар он гӯшае бо номи "Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст"-и иштирокчиёни ҶБВ оид ба 51 нафар қаҳрамонон аз деҳаи Чиртаки ш. Турсунзода маълумоти муфассал гирдоварда шудаанд. Инчунин, бозёфтҳои асрҳои XIX-XX ашёи рузгор ва мардумшиносӣ (либосҳои занона,

мардона, сузанӣ, сабад, қошуқ), ашёи сиккашиносӣ (танга, медал) ва ғ. дар ин осорхона ҷамъоварӣ ва ба номоиш гузошта шудаанд.

Осорхонаи мактабии МТМУ №16 н. Ҷ. Расулов, бо ташаббуси Абдуманнон Абдусамадов соли 1982 дар масоҳати 60 $м^2$ таъсис ёфтааст, ки дар экспозитсияи он ба хотири хизмат ва корнамоиҳои иштирокчиёни ҶБВ-и минтақа, гӯшаи "Ғулакандозиён дар ҳимояи Ватан" бахшида шудааст. Қисмҳои дигари экспозитсия "Мубориза баҳри озодии миллат", "Калхози мо дар солҳои 1940-1950", "Ба деҳаи мо шинос шавед" , "Аз ҳаёт ва эҷодиёти Абдуғафор Самадов" мебошад. Ашё ва калексияи ба намоиш гузошташуда 1200 ададро ташкил медиҳад.

Бештари экспозитсияҳои осорхонаҳои мактабӣ кишвар бозгӯйи воқеаҳои таърихии маҳалли зист мебошанд, ки ба наврасон таъсир хуб мебахшад.

Осорхонаҳои мактабӣ дар ташкил ва баргузории чорабиниҳои илмӣ-маърифатӣ (семинару конфронсҳо, вохӯрию суҳбатҳо) саҳми назаррас доранд. Чунончи, бо ташаббуси осорхонаи мактабии МТМУ- №54-и н. Синои ш. Душанбе ҳамасола дар арафаи зодрӯзи устод Лоиқ Шералӣ дар осорхона бо шоирону нависандагон вохӯрӣ доир мегардад. Ҳамчунин, соли равон семинарҳо дар мавзӯъҳои "Дунёи модар" ва "Меҳри Ватан" бо доираи васеи хонандагон баргузор гардид.

Аз омӯзиш ва таҳлили фаъолияти осорхонаҳои мактабии ҷумҳурӣ бармеояд, ки онҳо иқтидори бузурги тарбиявӣ доранд. Ин иқтидор дар доираи вазифаҳои худ ба наврасон имкон медиҳад, ки барои пешбурди фаъолияти эҷодӣ дар соҳаҳои гуногун қувваозмоӣ намоянд, муносибати худро нисбати таърих, фарҳанг муайян ва дар оянда ба пешрафти он саҳм гузоранд.

Дар радифи муваффақиятҳо, фаъолияти баъзе осорхонаҳои мактабии ҷумҳурӣ ғайриқаноатбахш буда, аз камбудию норасоиҳо орӣ нестанд. Аз ҷумла, осорхонаҳои МТМУ-и № 9, №16 н. Шаҳринав, осорхонаҳои МТМУ-и № 39, №128 ш. Ҳисор, Осорхонаи МТМУ-и № 10 н. Рӯдакӣ, Осорхонаи МТМУ-и № 2 н. Варзоб, осорхонаҳои МТМУ-и № 10, №33 н. Файзобод, Осорхонаҳои МТМУ-и № 1, №2 н. Рашт, осорхонаҳои МТМУ-и № 5, 13 н. Тоҷикобод, Осорхонаи МТМУ-и № 2 н. Лахш, Осорхонаи МТМУ-и № 4 ш. Турсунзода камбудиҳои зиёд доранд, ки дар нақшаҳои кори муассисаҳои таълимии номбурда оид ба осорхонаҳои мактабӣ вуҷуд надоштани баррасии масъалаҳо, амали нашудани нақшаи кории осорхона, набудани китоби бақайдгирӣ, маълумотномаҳо, асноди расмӣ-коргузорӣ [3] ва ғайра мисоли онҳост.

Умуман, дар фаъолияти осорхонаҳои мактабии ш. Душанбе, шаҳру ноҳияҳои табеи ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд мушкилиҳои зерин ҷой доранд:

- бо синфхонаҳои барҳавою кушод таъмин набудани осорхонаҳои мактабӣ;
- бо таҷҳизоти замонавии соҳаи осорхонашиносӣ таъмин набудани осорхонаҳои мактабӣ;
- ба талабот ҷавобгӯ набудани ҳифзу нигоҳдории ашё ва коллексияи осорхонаҳои мактабӣ;
- пеш набурдани ҳуҷҷатгузории расмӣ ва коргузорӣ (низомнома, китоби бақайдгирӣ, нақшаи корӣ);
- ба таври касбӣ омода нашудани экспозитсияи осорхонаҳои мактабӣ;
- набудани маълумотномаҳо оид ба мероси таърихӣ-фарҳангии ҷамъовардашудаи осорхонаҳои мактабӣ;
- таъмин нагаштани осорхонаҳо бо технологияи нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.

Барои бартараф намудани ин камбудиҳо ҳалли чунин масъалаҳоро зарур медонем:

- феҳристи осорхонаҳои мактабӣ тартиб дода шавад, зеро то кунун теъдоди онҳо дар ҷумҳурӣ муайян нест;
- қабули Низомномаи намунавии осорхонаҳои мактабӣ;
- таҳия ва интишори дастурамалҳо ва тавсияҳои методӣ барои мудирони осорхонаҳои мактабӣ доир ба таъсис ва ҳифзу нигоҳдории ашёи ва коллексияи осорхонавӣ;
- дар ҳамкорӣ бо осорхонаҳои давлатӣ, омода намудани экспозитсияи осорхонаи мактабӣ;
- ташкили курси кӯтоҳмуддат, барои роҳбарони осорхонаи мактабӣ дар назди Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти маориф бо ҷалби мутахассисони касбӣ;
- таъмини осорхонаҳои мактабӣ бо технологияи замонавии ҳифзу нигаҳдорӣ ашё ва коллексияи он;
- ҷалби сарпарастон барои мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникии осорхонаҳои мактабӣ;
- пайваст кардани осорхонаҳои мактабӣ бо шабакаи байналмилалии Интернет ва бо истифода аз он саҳм гирифтан дар тарғибу ташвиқи ашё ва коллексияи осорхона;
- ҷудо намудани воҳиди корӣ, барои мудирони осорхонаи мактабӣ.

## Адабиёт


1. Раҳмонов, Э. Суханронӣ дар мулоқот бо зиёиёни кишвар, 20 марти 2007 //Садои Мардум. –2007. –28 март.
2. Ҳисоботи фаъолияти Осорхоаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар 2016 с. [Манобеъи электронӣ].– Низоми дастрасӣ: http://www.aot.tj/en/index/index/pageId/382/.
3. Шарифзода, Ф. Социально-культурная деятельность музеев Таджикистон в период независимости (1991-2011) . – Душанбе: Истеъдод, 2014. –220 с.
4. Яхно, Ю. Б. Школьный музей как составляющая открытого образовательного пространства [Манобеъи электоронӣ] . – Низоми дастрасӣ:http://muschkole.ucoz.ru/load/metodicheskaja_literatura/ju_b_jakhno_shkolnyj_muzej_kak_sostavljajushhaja_otkrytogo_obrazovatelnogo_prostranstva/2-1-0-3


**Муминова Х.**

## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ШКОЛЬНЫХ МУЗЕЕВ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

*В данной статье автор на основе собранных материалов музея образования Академии образования Таджикистана и результатов проведенных социологических опросов изучены и проанализирована деятельность школьных музеев в годы независимости. А также автор предложил рекомендации по регулированию деятельности школьных музеев.*

***Ключевые слова:*** *школьный музей, образование, независимость, музейные предметы и музейные коллекции, фонд, экспозиция.*